# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № ___
қарори шурои диссертатсионӣ аз 08 феврали соли 2025, №64

Барои сазовор донистани Нодирзода Нозимҷон Мансур, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Нодирзода Нозимҷон Мансур дар мавзуи «Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: масоили иҷро ва адои он» аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар таърихи 30-юми ноябри соли 2024, №58 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Нодирзода Нозимҷон Мансур 25-уми октябри соли 1991 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2009 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2014 хатм кардааст.

Аз соли 2015 то соли 2019 ба ҳайси ассистент ва муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, солҳои 2019-2023 дар вазифаҳои ёрдамчии раиси суди шаҳри Бӯстон ва аз санаи 29 декабри соли 2023 то ҳол дар Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаи коромӯз-судя кору фаъолият намуда истодааст.

Рисолаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 08-уми апрели соли 2024 №5 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбарӣ илмӣ:**

**Шарипов Т.Ш.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия – Тоҷикистон.

– **Абдурашидзода Азиз Абдумансур** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар, аз ҷониби Ғафорова Ш.А. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобозода Ҷ.Қ. ва котиби ҷаласа, Муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Ҳомидов Р.А. имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Абдуалимзода Ҳ.А. санаи 13 январи соли 2025 тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 4 адади онҳо дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводди чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

1. Нодиров Н.М. Проблемы определения содержание наказания в виде исправительных работ, [Текст] / З.А. Камолов, Н.М. Нодиров // Академический юридический журнал. – 2018. – №4 (28). – С. 83-87; ISSN 2305-0535.

2. Нодирзода Н.М. Корҳои ислоҳӣ дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ [Матн] / Т.Ш. Шарипов, Н.М.Нодирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №1. – С. 214-220; ISSN2413-5151.

3. Нодирзода Н.М. Воситаҳои асосии ислоҳи маҳкумшудагоне, ки ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ адо менамоянд [Матн] / Нодирзода Н.М. // Идоракунии давлатӣ-. – 2024. – №1 (66) – С. 247-254; ISSN 2709-8567.

4. Нодирзода Н.М. Таърихи пайдоиш ва инкишофи корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ [Матн] / Н.М. Нодирзода // Қонунгузорӣ. – 2024. – №1 (53) – С. 190-197; ISSN 2410-2903.

5. Нодиров Н.М., Корҳои ислоҳӣ мувофиқ ба стандартҳои байналхалқӣ муносибат бо маҳкумшудагон ва модели қонунгузории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил [Матн] / Н.М. Нодиров // Маводи конференсияи илмӣ-амалии профессорон, омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ таҳти унвони “Илм ва инноватсия бахри иҷрои ҳадафҳои миллӣ”. – Хуҷанд; “Дабир”, 2019. – С. 214–217.

6. Нодирзода Н.М., Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони ба ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ маҳкумгардида [Матн] / Н.М. Нодирзода // Маводҳои конференсияи дуввуми илмӣ-амалӣ доир ба мавзӯи “Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои ҳуқуқии иқтисодиёти рақамӣ” (31 майи соли 2021). – Душанбе: “Баҳманрӯд”, 2021. – С. 217-220.

7. Нодирзода Н.М. Чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва саркашӣ намудан аз адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ дар давлатҳои пасошӯравӣ / Н.М. Нодирзода // Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (1 ноябри соли 2023). – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 362-368.

8. Нодирзода Н.М. Шартҳои адои ҷазо дар намуди корхои ислоҳӣ [Матн] / Н.М. Нодирзода // Масоили мубрами ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалогия ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ: назария ва амалия:маводди конфренсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ (22 июни соли

2024) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. – Душанбе: “Ватан Принт”, 2024. – С 291-298.

Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

**Азимзода Ш.Ҷ.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, капитани милитсия сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиавии факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Қурбонзода Б.Ш.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, прокурори шуъбаи назорати умумии прокуратураи вилояти Суғд.

**Муқимов С.Д.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; декани факултети педагогика ва варзиши Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт;

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст.

1. Муаллиф дар таҳқиқот ба масъалаҳои таъини ҷазо корҳои ислоҳӣ диққат надодааст. Ба андешаи мо барои дарки масъалаҳои иҷро ва адои корҳои ислоҳӣ агар муаллиф ҳадди ақал дар зербоби алоҳида амалияи таъини ҷазои мазкурро таҳлил менамуд ин боз ҳам омӯзиши ҷазои мазкурро пурратар месохт. Зеро иҷро ва адои ҷазо бо раванди таъини ҷазо пайвастагии ногусастанӣ дорад.

2. Дар пешниҳоди 16 (Пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ равона гардидаанд) муаллиф қайд менамояд, ки «Айни замон зарур аст, ки аз рӯйи тартиби қонунгузорӣ ба тариқи квотавӣ ҷойҳои корӣ барои маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ мустаҳкам карда шуда, доираи муайяни имтиёзҳо бо мақсади ҳавасмандгардонии корфармо барои ба кор қабул намудани категорияи мазкури маҳкумшудагон муқаррар карда шавад”. Ба андешаи мо чунин пешниҳод қобили қабул буда наметавонад, зеро он маҳкумшудагонро ба вазъи имтиёзнок гузошта, мумкин аст, ҳуқуқҳои шаҳрвандони дигарро дар мавриди таъмин шудан бо кор халалдор созад.

3. Аз матни автореферат маълум мегардад, ки муаллиф ба масъалаҳои иҷро ва адои корҳои ислоҳӣ нисбати ноболиғон таваҷҷуҳ накардааст. Ба андешаи мо агар муаллиф масъалаҳои иҷро ва адои ҷазои мазкурро нисбат ба ноболиғон низ мавриди таҳлил қарор медод, ин мазмуни таҳқиқотро боз ҳам пурратар менамуд.

Дар маҷмуъ эродҳои овардашуда мазмуни корро коста намегардонанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таъин иҷро ва адои ҷазои корҳои ислоҳӣ, инчунин тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ, даровардани тағйирот ба Кодекси ҷиноятӣ, Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва Дастурамал оид ба тартиби иҷрои ҷазо, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошад.

– **пешниҳод шудааст:** бо назардошти таҳлили муқоисавии ҳуқуқии танзими қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ, инкишоф, мафҳум ва моҳиятӣ ҷазои корҳои ислоҳӣ, омӯзиши масоили иҷро ва адо ҷазои корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ, тартиби иҷрои ҷазои корҳои ислоҳӣ, шартҳо ва ҳуқуқу ухдадориҳои шахсони ба ҷазои корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда пешниҳод карда шудааст;

– **исбот шудааст:** ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ аз як тараф ба такмили фаъолияти давлат дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ мусоидат мекунад ва аз тарафи дигар, чунин ҷазо баъзе манфиатҳои иқтисодӣ низ медиҳад, иқтидори назарраси пешгирикунанда дорад, боиси кам шудани такрори ҷиноятҳо мегардад ва ба иҷтимоикунонии маҳкумшуда мусоидат мекунад. Маҷбурӣ будани меҳнати маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ ба санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки меҳнати маҷбуриро манъ менамоянд мухолифат наменамояд.

– **ҷорӣ намудани:** дар қ. 3 м. 52 КҶ ҶТ ибораи «шахси ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда» зарур аст, ки бо калимаи «маҳкумшуда» иваз карда шавад, дар қ. 1 м. 39 КИҶҶ ҶТ ибораи «ноҳияи истиқоматӣ» бо «маҳалли истиқомат» иваз карда шавад, дар қ. 2 м. 39 КИҶҶ ҶТ бо таҳрири зайл ифода карда шавад: «Ҳукмҳо дар мавриди корҳои ислоҳӣ дар муҳлати на дертар аз сӣ рӯз аз рӯзи ба нозироти корҳои ислоҳӣ расидани фармоиши дахлдори суд бо нусхаи ҳукм (таъинот, қарор) иҷро карда мешаванд», дар қ. 5 м. 40 КИҶҶ ҶТ бо таҳрири зерин ифода карда шавад: «Дар мавриди тағйир ёфтани ҷои кор ё тағйир додани ҷои истиқомат маҳкумшуда ухдадор аст пешакӣ дар давоми даҳ рӯз нозироти корҳои ислоҳиро огоҳ

созад», дар қ. 2 м. 42 КИҶҶ ҶТ муқаррароти зерин илова карда шавад: «Вазифа ва манъкуниҳои пешбининамудаи қисми 1 м.42 КИҶҶ ҶТ нисбати маҳкумшудагоне татбиқ кардан мумкин аст, ки аз се як ҳиссаи мӯҳлати ҷазои корҳои ислоҳиро адо карда бошанд. Дар ҳолатҳои вайрон намудани тартиб ва шартҳои иҷрои корҳои ислоҳӣ нозироти корҳои ислоҳӣ ҳуқуқ дорад, ки вазифа ва манъкуниҳоро пештар аз мӯҳлати зикршуда муқаррар созад», дар м. 44 КИҶҶ ҶТ «Маъмурияти ташкилоте, ки дар он маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ кор мекунад, вазифадор аст, ки қаблан ду ҳафта пештар нозироти корҳои ислоҳиро мавриди ба дигар вазифа гузаронидан, аз кор озод намудан огоҳ созад, маҳкумшударо ба нозирот барои додани ариза оид ба озод шудан аз кор равона созад», дар қ. 7 м. 45 КИҶҶ ҶТ «Нозироти корҳои ислоҳӣ, маҳкумшуда ё маъмурияти ташкилоте, ки ӯ кор мекунад ҳуқуқ дорад ба суд оид ба камкунии андозаи нигоҳдошт аз музди меҳнат ҳангоми вазнин шудани шароити моддии ӯ муроҷиат намоянд. Таъинот дар бораи камкунии андозаи нигоҳдошт бо назардошти ҳама даромадҳои маҳкумшуда бароварда мешавад», дар қ. 1 м. 46 КИҶҶ ҶТ «Барои рафтори шоиста ва муносибати софдилона ба меҳнат нисбат ба шахсони адокунандаи ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ нозироти корҳои ислоҳӣ метавонад мӯҳлат ва андозаи вазифаҳою манъкуниҳои дар м. 42 ҳамин Кодекс пешбинишударо кам ё бекор намояд, рухсатии пардохтшавандаи ҳарсоларо бо давомнокии 24 рӯзи тақвимӣ диҳад, инчунин ба суд оид ба кам намудани андози нигоҳдошт аз музди меҳнат пешниҳод фиристад», илова шавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аз натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо оид ба танзими қонунгузории ҷиноятӣ оид ба корҳои ислоҳӣ ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ иборат мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ватанӣ гардад; дар амалия тартиби иҷрои корҳои ислоҳӣ дуруст танзим карда шавад; он дар фаъолияти қонунгузорӣ, судҳо ва дигар мақомот, инчунин, мақомоти иҷро истифода гардад. Таҳқиқоти пешниҳодшуда метавонад дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин, дар курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла фанни «Асосҳои таъини ҷазо» истифода шавад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта**: самаранок ҷанбаҳои консептуалии илмҳои фалсафа, сотсиология, психология, инчунин назарияи фанҳои ҳуқуқӣ (криминология, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) ва ҳамзамон, дар таҳқиқот усулҳои илмии ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, таҳлилӣ, усулҳои мушаххаси сотсиологӣ,

омориву криминологӣ, таърихию ҳуқуқӣ истифода бурданд.

– **баён шудани:** мафҳуми корҳои ислоҳӣ, инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ, амалияи судӣ ва муаммоҳои амалии нозироти корҳои ислоҳӣ ҳангоми иҷро ва адои ҷазои корҳои ислоҳӣ, ҳуқуқ ва ухдадории маҳкумдагони ба ҷазои корҳои ислоҳӣ, таъини ҷазо дар давлатҳои пасошуравӣ;

– **ошкор гардидани:** ҷазои корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазо дар Дастури Комиссариати халқии адлия аз 19 декабри соли 1917 «Дар бораи трибунали инқилобӣ, ҳайати он, парвандаҳои тобеияти он, ҷазоҳои татбиқшаванда ва тартиби гузаронидани ҷаласаҳо» ба ҳисоб меравад. Корҳои ислоҳӣ дар таърихи ташаккулёбии худ ба таври гуногун номгузорӣ мешуд: корҳои маҷбурӣ бе маҳрумӣ аз озодӣ, корҳои ислоҳи меҳнатӣ бе маҳрум сохтан аз озодӣ, корҳои ислоҳӣ бе маҳрум сохтан аз озодӣ, корҳои ислоҳӣ.

– **омӯхта шуданд:** омӯзиши қонунгузории ҷиноятии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил вобаста ба ҷазои корҳои ислоҳӣ, инкишофи корҳои ислоҳӣ аз даврони Иттиҳоди Шуравӣ то имрӯз, тартиби иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, шартҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, воситаҳои ислоҳӣ маҳкумшуда ва ҳуқуқ ва ухдадориҳои шахсони ба ҷазои корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда;

– **аз нав такмил додан:** адои ҷазои ҷиноятӣ дар намуди корҳои ислоҳӣ мебошад, таваҷҷуҳ додан ба адои ҷазо нисбати ноболиғон ва таҳлили омории ин намуди маҳкумшудан. Омӯзиши инкишофи қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ба марҳилаҳо ҷудо намудани Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз аввалин декрет ё дастурҳо вобаста ба ҷазои корҳои ислоҳӣ то даврони истиқлолият.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:** натиҷаҳои он метавонад дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ оид ба такмили қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ; дар фаъолияти нозироти корҳои ислоҳӣ ва судӣ бо мақсади ҳалли мушкилиҳое, ки ҳангоми татбиқи меъёри муқарраркунандаи иҷро ва адои ҷазои корҳои ислоҳӣ ба миён меоянд; зимни таҳия намудани қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ, такмили Дастурамал оид ба тартиби иҷрои ҷазо, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда додани маҷмуаи фармонҳои Вазири адлияи ҶТ; ҳангоми таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ; дар кори илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба ҳалли минбаъдаи масоили ҳуқуқии иҷрои ҷазо ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ истифода шаванд.

– **муайян карда шуданд**: корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ таърихи тулонӣ дошта, дар давоми он ҳамчун ҷазои алтернативаи маҳрум

сохтан аз озодӣ ба мақсад мувофиқ будани нигоҳ доштани худро дар қонунгузории ҷиноятӣ исбот намудааст. корҳои ислоҳӣ бо фаъолияти ҳатмии меҳнатии маҳкумшуда алоқаманд мебошад. Маҷбурӣ будани меҳнат ҳангоми таъини ҷазои мазкур ба шахсоне, ки дар ҷойҳои дигаре, ки мақоми иҷрокунандаи ҳукм муайян менамояд, ба кор ҷалб мешаванд, аён мегардад. Агар нисбати́ шахсони дигар меҳнат кардан, интихоби касбу кор ҳуқуқи онҳо бошад пас нисбати маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ он ба уҳдадорӣ табдил меёбад.

– **коркард карда шуд:** қ. 3 м. 52 КҶ ҶТ ибораи «шахси ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда» ба калимаи «маҳкумшуда» иваз карда шавад. Ворид намудани тағйирот ба қ. 2 м. 42 КИҶҶ ҶТ, қ. 1 м. 46 КИҶҶ ҶТ. Қисми 2 м. 39 КИҶҶ ҶТ бо таҳрири зайл ифода карда шавад: «Ҳукмҳо дар мавриди корҳои ислоҳӣ дар муҳлати на дертар аз сӣ рӯз аз рӯзи ба нозироти корҳои ислоҳӣ расидани фармоиши дахлдори суд бо нусхаи ҳукм (таъинот, қарор) иҷро карда мешаванд». Қисми 1 м. 39 КИҶҶ ҶТ ибораи «ноҳияи истиқоматӣ» бо «маҳалли истиқомат» иваз карда шавад.

– **муаррифӣ карда шуд:** ислоҳоти фаврии низоми амалисозии чораҳои алтернативии маҳрум сохтан аз озодӣ бо тадриҷан ба зиммаи мақомоти иҷрои ҷазо вогузор намудани вазифаҳои иловагии иҷтимоиро тақозо мекунад. Бинобар ин, истифодаи таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон, Украина ва Қирғизистон оид ба ташкили хадамоти пробатсия ва ҷорӣ намудани он дар ҶТ. Инчунин маблағҳои нигоҳдоташаванда аз ҳисоби маҳкумшудаи ба корҳои ислоҳӣ на ба манфиати давлат балки ба фонди ҷуброни зарари ба ҷабрдида расонидашуда.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ ва нозироти корҳои ислоҳӣ асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумоти гуногуни оморӣ, ҷамъбасти амалияи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои шахсии маҳкумшуда ба даст оварда шудаанд.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** дар Дастурамал оид ба тартиби иҷрои ҷазо, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошад дар банди 70 ба таври возеҳ танзим карда шавад, маҳку́мшуда пас аз гирифтани даъватнома аз нозироти корҳои ислоҳӣ ба суҳбат даъват карда шуда ӯ бояд дар муддати 72 соат ҳозир шавад. Ба Дастурамал банди иловагӣ бо мазмуни зайл дохил карда шавад: «Дар ҳолатҳои аз ҷониби маъмурияти ҷойи кори маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ иҷро накардани дигар вазифаҳое, ки боиси имконнопазирии иҷрои корҳои ислоҳӣ дар ҳамин ташкилот мегардад, нозирот оид ба ин ба прокуратура дар бораи

ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони мансабдори гунаҳгор мутобиқи қонунгузории ҶТ хабарнома ирсол менамояд».

**ғоя асоснок шудааст**: корҳои ислоҳӣ, ҳамчун ҷазое, ки бо ҷудо кардани маҳкумшуда аз ҷомеа алоқаманд нест, дар маҳдуд кардани ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва молумулкии маҳкумшуда тавассути нигоҳ доштани маблағи муайян ба манфиати давлат, манъи аз кор озод шудан бо хоҳиши худ, маҳдуд кардани ҳуқуқи иваз кардани ҷои истиқомат, ҳуқуқи рухсатӣ ва пайдоиши доғи судӣ ифода мегардад. Меҳнати маҷбурии маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ аз санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки меҳнати маҷбуриро манъ менамоянд (м.м. 4, 23 Эъломияи ҳуқуқи башар, м. 8 Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ ва ғайра) асос мегирад.

**муайян шудаанд:** корҳои ислоҳӣ ҳамчун як намуди ҷазои ҷиноятӣ, дар таҷрибаи қонунгузории ватанӣ таърихи тӯлонӣ дошта, дар бештари ҳолатҳо ин намуди ҷазо ҳамчун алтернативаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ татбиқ мегардид. Корҳои ислоҳӣ ҷазои ҷиноятие мебошад, ки комилан дастоварди қонунгузории ҷиноятии Иттиҳоди Шуравӣ мебошад. Моҳияти корҳои ислоҳӣ дар маҷмуи маҳудудиҳои моддӣ, меҳнатӣ ва дигар маҳдудиятҳои ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии маҳкумшудагон ифода мегардад, ки дар давраи фаъолияти меҳнатии маҳкумшуда бидуни ҷудо нигоҳ доштан аз ҷомеа амалӣ мешавад.

– **истифода карда шуданд:** Дар раванди таҳқиқот омори иҷроиши корҳои ислоҳӣ барои солҳои 2018-2023 аз Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи ҶТ, ва омори таъини корҳои ислоҳӣ аз Раёсати омори судии Суди Олии ҶТ барои солҳои 2018-2023 таҳлилу баррасӣ гардида, 100 парвандаи шахсии маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Натиҷаҳои иҷрои ҷазо дар намудаи корҳои ислоҳӣ, ки аз тариқи воситаҳои ахбори омма ва сомонаҳои интернетии мақомоти давлатӣ ба даст оварда шуд, мавриди омӯзиш қарор гирифт. Ғайр аз ин таҳқиқот ба омӯзиш ва таҳлили асарҳои олимони ватанию хориҷӣ вобаста ба ҷазои корҳои ислоҳӣ асос ёфтааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар муқаррароте, ки навгониҳои илмии тадқиқоти диссертатсионӣ, муқаррароти илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда, мақолаҳои илмӣ, мақолаҳои дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ асоснок карда мешаванд, инъикос ёфтааст. Услуби навиштани асар ва баёни мушкилоти ҳалшаванда низ аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳад. Илова бар ин, дар мақолаҳо ва маърӯзаҳо дар конфронсҳои

илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмили қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба корҳои ислоҳӣ ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод карда шуданд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 08 феврали соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Нодирзода Нозимҷон Мансур дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд тасдиқ гардидааст 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктор ва 1 нафарашон номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзоев Қ.Х.**

**08-уми феврали соли 2025**